# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи «Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

**Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**

**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Комилов Р.С. (09.00.03 - таърихи фалсафа), раиси комиссия;**

**- доктори илмҳои фалсафа, Маҳмадова М.Ф. (09.00.03 - таърихи фалсафа), узв;**

**- доктори илмҳои фалсафа, Диноршоева З.М. (09.00.03 - таърихи фалсафа), узв.**

Диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи «Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен» ба омӯзиши таҳқиқоти файласуф, шарқшинос ва мутарҷими маъруфи Фаронсаи садаи XX - профессор Анри Корбен доир ба фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс бахшида шудааст. А.Корбен байни олимони шарқшиноси фаронсавӣ бо таҳқиқоти густурдаю доманадор дорои мақоми баланд аст, бинобар ин таҳлилу баррасии таҳқиқоти А.Корбен барои дарки мавқеи фалсафии ӯ ва баҳо додан ба мероси мутафаккирони мо аз масъалаҳои муҳими илмӣ ба шумор меравад. Осори А.Корбен ва саҳми ӯ роҷеъ ба омӯзиши фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва намояндагони он: Абӯнасри Форобӣ, Абулҳасани Омирӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абуяъқуби Сиҷистонӣ, Боязиди Бастомӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Носири Хусрав, Абулмаҷди Саноӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Насируддини Тӯсӣ, Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва дигарон ба таври муназзам мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст. Дар ин хусус доираи таҳқиқоти анҷомдодашуда хеле маҳдуданд, аз ин рӯ диссертант ба таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи муназзами осори А.Корбен роҷеъ ба таърихи фалсафаи тоҷику форс пардохтааст. Диссертант мавзӯи мавриди таҳқиқи хешро аз ҷиҳати илмӣ мукаммал, вазифаҳои муайяннамудаашро иҷро ва ба мақсади гузоштаи худ муваффақ шудааст. Диссертант муҳимияти омӯзиши илмии мавзӯи мазкурро дар он медонад, ки тоҷикон имрӯз дар замони

соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи худ рӯй оварда, раванди бедоршавии худшиносии миллиро собит месозанд. Дарёфти мафкура ва илму эҷоди волою таҳаммулпазири мутафаккирони фавқуззикр ва ҷараёнҳои фалсафии асримиёнагии ориёитабор аз назари муҳаққиқи аврупоӣ ба раванди худшиносии миллии тоҷик манфиатовар хоҳад буд. Омӯзишу таҳлили осори мутафаккирони тоҷику форс аз ҷониби аврупоиён мақоми онҳо ва қавму миллатҳоро дар хориҷи кишвар нишон дода, имкон фароҳам меоварад, ки дарки амиқи таълимоташон дастрас гардида, саҳеҳию иштибоҳ ё таҳрифкории баъзе муҳаққиқон доир ба таълимоти гузаштагони мо ва ҷараёнҳои фалсафӣ ошкор шавад.

Дар диссертатсия нисбати масъалаҳои мавриди таҳқиқ сарчашмаҳои зиёди илмӣ истифода шуда, онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дар асоси усули муқоисавӣ вобаста ба шароити муосир таҳлил шудаанд.

Дар диссертатсия ба таври мушаххас навгониҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод шудааст:

- бори нахуст дар таърихи илми тоҷик осори фалсафии файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбен ба таври муназзам таҳқиқ гардида, иқтибосҳо аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума шудаанд;

- аввалин бор дар илми таърихи фалсафаи тоҷик аз тариқи баррасии андешаҳои А.Корбен дар бораи Абулҳасани Омирӣ маълумот дода шуда, ӯ ҳамчун ҳалқаи васли таълимоти Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино дониста шудааст;

- нодурустии ақидаи А.Корбен, ки Форобиро аз аҳли тасаввуф медонист, на пайрави машшоия, собит карда шуд;

- муайян карда шуд, ки А.Корбен ҷанбаҳои фалсафӣ-ирфонии рисолаҳои тамсилии Абӯалӣ ибни Синоро таҳлил намуда, «Ҳай ибни Яқзон»-ро рисолаи асосӣ барои дарки ҷаҳонбинии ирфонии Ибни Сино номидааст. Ба назари А.Корбен, «Рисолат ат-тайр»-и Ибни Сино низ рисолаи ирфонӣ буда, асосан дар пайравӣ ба «Меъроҷ»-и паёмбар навишта шудааст. Дар вақти навиштани рисола Ибни Сино аз таълимоти Эрони Бостон ва Юнони Қадим, аз ҷумла монавия ва «Федр»-и Афлотун баҳра бурдааст. Ҳамчунин ба таъбири А.Корбен, рисолаи «Саломон ва Абсол» ирфонӣ аст ва мутафаккир онро идомаи мантиқии ду рисолаи боло медонад;

- таҳқиқи асарҳои А.Корбен собит кард, ки ӯ таълимоти Шиҳобуддини Суҳравардиро идомаи мантиқии фалсафаи Ибни Сино ва таълимоти фалсафӣ-динии Форсу Юнони Қадим медонад, ки минбаъд ҳамчун таълимоти алоҳида ташаккул ёфтааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, барои таҳия кардани маҷмӯаи таълим-методӣ, тавсияи илмӣ-методӣ ва курси махсуси лексияҳо оиди фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва Ғарб мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон маводи таҳқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа, ки марбут ба масъалаҳои фалсафаи асрмиёнагии тоҷику форс аст дорои аҳамиятанд.

Бо матни рисолаи таҳқиқотии Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи **«Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен»** шинос шуда, натиҷабарорӣ кардан мумкин аст, ки диссертант, на танҳо фалсафаи асримиёнагии тоҷику форсро аз назари А.Корбен таҳлил намудааст, балки баҳогузорӣ ва иштибоҳоти ӯро роҷеъ ба ҷараёну мутафаккирони он баён менамояд, ки барои фалсафаи муоисири тоҷик муҳиму зарурӣ мебошанд.

Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:

1. Рисолаи таҳқиқшуда ба талаботи илмии таҳқиқотии фалсафа ҷавобгӯ буда, моҳияти воқеияти фалсафаи асримиёнагии тоҷику форсро дар таҳқиқоти Анри Корбен дуруст инъикос менамояд. Сарчашмаҳои илмии истифодашуда, таҳлили воқеии таърихӣ ва муқоисавии ҷараёнҳои фалсафии асримиёнагии тоҷику форс аз дидгоҳи Анри Корбен ва арзиши илмии тҳқиқоти ӯ барои фалсафаи тоҷик ба ихтисоси 6D020100-фалсафа мувофиқат мекунад;

2. Автореферат бо муҳтавои матни диссертатсия мувофиқат дорад;

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар 5 мақолаи илмии ӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст;

4. Дар рисола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ таъйин карда шавад;

6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Саид Нуриддин Саид – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Амирхонов Шоҳусайн Талбонович – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

7. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор /____________/ Р.С.Комилов

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ М.Ф.Маҳмадова

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ З.М.Диноршоева